# Х У Л О С А

## оид ба натиҷаи аудити мутобиқат ва молиявӣ дар Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи аз моҳи феврали соли 2024 то январи соли 2026.

1. Хулосаи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи муқаррароти моддаҳои 1, 7 ва 41 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон”, моддаи 65 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва нақшаи чорабинии аудитории Палатаи ҳисоб барои соли 2026 дар Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон омода гардидааст.

1.1. Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи кор бо ҷавонон ва варзиш буда, фаъолияти он дар асоси Қонуни Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон”, Низомномаи Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 майи соли 2017, № 257 тасдиқ шудааст ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мавриди танзим қарор дода мешавад.

1.1.01 Кумита мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ буда, функсияҳои махсуси иҷроиявӣ, назоратӣ, иҷозатдиҳӣ ва дигар функсияҳои дар соҳаи кор бо ҷавонон, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш муқарраргардидаро анҷом медиҳад.

1.1.02. Сохтори дастгоҳи марказии Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон: Роҳбарият, раёсати тарбияи ватандӯстӣ, раёсати рушди тарбияи ҷисмонӣ ва оммавигардонии варзиш, раёсати рушди варзиши касбӣ ва кор бо ташкилотҳои варзишӣ, раёсати рушди иҷтимоии ҷавонон, шуъбаи муносибатҳои байналмилалӣ, шуъбаи банақшагирӣ ва муҳосибот, шуъбаи коргузорӣ ва назорат, шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ, бахши кадрҳо ва корҳои махсус, бахши таҳлил ва иттилоот ва бахши хоҷагидорӣ мебошад.

1.1.03. Нақшаи идоракунии Кумита: Дастгоҳи марказӣ, Раёсатҳои кор бо ҷавонон ва варзиши вилоятҳои Суғд, Хатлон, Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, шаҳри Душанбе ва Бахшҳои кор бо ҷавонон ва варзиши шаҳру ноҳияҳои тобеъи марказ мебошад.

1.1.04. Номгӯи муассисаю ташкилотҳои системаи Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- муассисаи давлатии таълимии “Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи Саидмуъмин Раҳимов”;
- муассисаи давлатии таълимии “Коллеҷи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон”;
- муассисаи давлатии таълимии “Мактаб-интернати таҳсилоти умумии ҷумҳуриявии тамоюли варзишӣ ба номи Иброҳим Ҳасанов”;
- муассисаи давлатии “Маркази ҷумҳуриявии тайёрии олимпӣ”;

- муассисаи давлатии “Мактаби ҷумҳуриявии маҳорати олии варзишӣ оид ба намудҳои гӯштин”;
- муассисаи давлатии “Мактаби ҷумҳуриявии маҳорати олии варзишӣ оид ба намудҳои амалӣ”;
- муассисаи давлатии “Мактаби ҷумҳуриявии маҳорати олии варзишӣ оид ба бозиҳои даставӣ”;
- муассисаи давлатии “Мактаби ҷумҳуриявии маҳорати олии варзишӣ оид ба намудҳои якҳарба”;
- муассисаи давлатии “Мактаби ҷумҳуриявии маҳорати олии варзишӣ оид ба намудҳои варзиши обӣ”;
- муассисаи давлатии “Мактаби ҷумҳуриявии маҳорати олии варзишӣ оид ба намудҳои теннис ва бадминтон”;
- муассисаи давлатии “Мактаби ҷумҳуриявии маҳорати олии варзишӣ оид кӯҳнавардӣ, шухмаймоӣ ва лижаронии кӯҳӣ”;
- муассисаи давлатии “Мактаби махсуси варзишӣ оид ба намудҳои зимистонаи варзиш”;
- муассисаи давлатии “Маркази таъминоти варзишӣ”;
- муассисаи давлатии “Маркази ҷумҳуриявии методӣ”;
- муассисаи давлатии “Раёсати сохтмони асосӣ ва корҳои таъмирӣ”;
- муассисаи давлатаи рӯзномаи “Ҷавонони Тоҷикистон”;
- муассисаи давлатии “Маркази такмили ихтисоси кормандони соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш”;
- муассисаи давлатии “Маркази миллии зиддидопингӣ”;
- муассисаи давлатии “Варзишгоҳи миллӣ”;
- ҷамъияти саҳомии кушодаи “Хоҷагии нақлиётӣ”;
- корхонаи воҳиди давлатии “Варзишгоҳи марказии ҷумҳуриявӣ”;
- корхонаи воҳиди давлатии “Меҳмонхонаи "Варзиш”;
- корхонаи воҳиди давлатии “Маркази ташаккули фарҳанг ва рушди иҷтимоии ҷавонон”;
- корхонаи воҳиди давлатии “Маркази ташаккули тамоюли миллии ҷавонон”;
- корхонаи воҳиди давлатии “Маркази рушди зеҳнӣ ва иқтисодии ҷавонон”;
- корхонаи воҳиди давлатии “Маркази рушди касбият ва шуғлнокии ҷавонон”;
- корхонаи воҳиди давлатии “Маркази ташаккули шахсият ва рушди сиёсии ҷавонон”.

1.1.05. Тибқи банди 4 Низомномаи Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Кумита дорои ваколатҳои зерин мебошад:

-лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаи сиёсати давлатии ҷавонон, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш таҳия намуда, ба баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд;

-самтҳои асосиро муайян менамояд, барномаҳои дурнамо, ҷорӣ ва мақсаднокро оид ба масъалаҳои мансуб Кумита таҳия ва амалӣ менамояд;

-захираҳои кадрҳои роҳбарикунандаро дар соҳаи Кумита таъсис медиҳад;

-пешбурди оморро оид ба масъалаҳои мансуб ба ваколати Кумита анҷом медиҳад;

-ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ташкилотҳои дигарро оид ба таҳия ва татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, барномаҳо оид ба рушди соҳаҳои кор бо ҷавонон, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш амалӣ менамояд;

-тибқи тартиби муқарраргардида ҳамкориро бо созмонҳои байналмилалӣ анҷом медиҳад, дар таҳия ва амалӣ намудани шартномаҳои байналмилалӣ ва байниҳукуматӣ оид ба масъалаҳои мансуб ба салоҳияти Кумита иштирок менамояд;

-корҳоро оид ба ҷалби сармоягузориҳо барои рушди соҳаҳои мансуб ба ваколати Кумита анҷом медиҳад;

-барои баланд бардоштани ҳисси ватанпарастӣ, таблиғи тарзи ҳаёти солим ва ғояҳои ҳаракати олимпӣ фаъолияти рекламавию иттилоотӣ ташкил менамояд;

-ҳангоми таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ манфиатҳо ва дархостҳои ташкилотҳои ҷавонон, тарбияи ҷисмонӣ ва варзишро ба инобат мегирад;

-ба рушди тарбияи ватанпарастӣ, фарҳангӣ ва ахлоқии (маънавӣ) ҷавонон, таҳкими дӯстӣ, ҳамкорӣ, ягонагӣ ва муттаҳидии ҷавонони кишвар мусоидат менамояд;

-дар таҳия ва амалӣ намудани чораҳо оид ба фароҳам овардани шароит барои рушди ҳамаҷонибаи ҷавонон дар соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷамъиятӣ, ошкор ва амалӣ намудани иқтидори онҳо, мутобиқсозии он ба ҳаёти мустақилона, ҳифзи манфиатҳои қонунӣ ва ҳуқуқҳои ҷавонони кишвар иштирок менамояд;

- дастгирии давлатии иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавононро, ки тибқи тартиби муқарраргардида аз қайди давлатӣ гузаштаанд, амалӣ мегардонад;

- озмунҳоро ҷиҳати сазоворгардонӣ ба Ҷоизаи ба номи Исмоили Сомонӣ барои олимони ҷавоне, ки дар соҳаи илм ва техника корҳои намоён анҷом додаанд ва Ҷоизаи Кумита дар самти адабиёт, санъат, меъморӣ, рӯзноманигорӣ ва барномасозиро ташкил ва мегузаронад;

- ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар байни ҷавонон мусоидат намуда, ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоид барои мустақилияти иқтисодии ҷавонон чораҳо меандешад;

- ҷиҳати таълими ҷавонон мусоидат намуда, баҳри дастгирию ҳавасмандгардонии ҷавонони соҳибистеъдоду лаёқатманд шароити мусоид фароҳам меорад;

- баҳри таҳкими худшиносии миллӣ ва ватандӯстии ҷавонон, инчунин ҷиҳати рушди маърифати ҳуқуқӣ, сиёсӣ ва фарҳангии ҷавонон мусоидат менамояд;

- ҷиҳати рушди ҳамкориҳо бо мақсади ба манфиати ҷомеа истифода бурдани неруи ақлонӣ ва ҷисмонии ҷавонон чораҳои зарурӣ меандешад;

- якҷо бо мақомоти дахлдори давлатӣ баҳри шуғлнокии ҷавонон, таъсиси ҷойҳои иловагии кор, инчунин фаъолияти меҳнатӣ дар хориҷи кишвар, касбу ҳунаромӯзӣ ва забономӯзӣ мусоидат менамояд ва ба фаъолияти Биржаи

меҳнатии ҷавонон оид ба бастани шартнома бо созмонҳои хориҷӣ чораҳои зарурӣ меандешад;

- оид ба дастгирии давлатии оилаҳои ҷавон дар доираи барномаҳои давлатӣ, минтақавӣ ва маҳаллии ҷавонон тадбирҳои зарурӣ меандешад;

- самтҳои афзалиятноки фаъолияти волонтёриро муайян намуда, ҳамоҳангсозӣ, мониторинг ва баҳодиҳии онро амалӣ менамояд;

- дар якҷоягӣ бо мақомоти давлатӣ, муассисаю ташкилотҳо ва корхонаҳо, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҷиҳати амалӣ намудани фаъолияти волонтёрии ҷавонон чораҳои зарурӣ меандешад, инчунин ҳамкории байналмилалиро оид ба фаъолияти волонтёрӣ ташкил ва амалӣ менамояд;

- маҳфилҳои стипендиантҳои ҷавонон ва ҷавонони дар хориҷи кишвар таҳсилдоштаро таъсис дода, фаъолияти онҳоро ҳамоҳанг месозад ва низомномаи онҳоро тасдиқ менамояд;

- дар асоси қонунгузорӣ фаъолияти шуъбаҳои кор бо ҷавонони муассисаҳои таълимии ҷумҳуриро ҳамоҳанг намуда, бахри баланд бардоштани самаранокии кори онҳо чораҳо меандешад;

- ҳамоҳангии фаъолияти мудирони шуъбаҳои кор бо ҷавонони муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ таъмин мекунад;

- ташвиқу тарғиби тарбияи ҷисмонӣ ва варзишро дар байни табақаҳои гуногуни аҳолӣ ба роҳ монда, барои оммавигардонии тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш чораҳои дахддор меандешад;

- назорати риояи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ва баҳогузории вазъи тарбияи ҷисмонӣ ва варзишро амалӣ менамояд;

- якҷо бо Кумитаи миллии олимпии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди барномаи Ҳаракати олимпӣ дар ҷумҳурӣ мусоидат мекунад;

- роҳбарии ташкилӣ ва методии рушди тарбияи ҷисмонии аҳолӣ ва тайёр намудани варзишгарони маҳорати олиро анҷом медиҳад;

- тақвими ягонаи чорабиниҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзишӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро тасдиқ менамояд, гузаронидани чорабиниҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзишро, ки аз ҷониби идораю муассиса ва ташкилотҳо ташкил карда мешаванд, ҳамоҳанг месозад;

- низомномаи гузаронидани мусобиқаҳои варзишӣ ва ҷамъомадҳои таълимию-машқиро тасдиқ менамояд;

- аз рӯи намудҳои варзиш мусобиқаҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалиро ташкил мекунад ва мегузаронад;

- бо пешниҳоди федератсияҳои варзишӣ ҳайати дастаи мунтахаби Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба намуди варзиш тасдиқ менамояд ва иштироки онҳоро дар мусобиқаҳои байналмилалии варзишӣ якҷо бо Кумитаи миллии олимпии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин менамояд;

- бо пешниҳоди федератсияҳои варзишӣ сармураббии дастаи мунтахаби Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба намуди варзиш ба вазифа таъин ва аз вазифа озод менамояд;

- барои иштироки варзишгарони ҷумҳурӣ дар мусобиқаҳои байналмилалии варзишӣ иҷозати хаттӣ медиҳад;

- рекордҳо ва дастовардҳоро оид ба намудҳои варзиш ба қайд мегирад;

- доир ба тартиби хизматрасониҳои субъектҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш пешниҳодҳо таҳия менамояд;

- дар мувофиқа бо мақомоти дахлдори давлати меъёрҳоро омода мекунад ва стандартҳои давлатии таҷҳизоту лавозимот ва иншооти варзиширо муқаррар мекунад;

- назорати хизматрасонии сифатнокро дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш амалӣ менамояд;

- дар доираи маблағҳои мавҷуда ва дар мувофиқа бо мақомоти дахлдор меъёрҳои хароҷоти либоси варзишӣ, таҷҳизот ва таъминоти моддию техникии варзишгарон ва мураббиёнро тасдиқ менамояд;

- ҳамоҳангсозӣ ва назорати соҳавии фаъолияти муассисаҳои тайёрии варзиширо амалӣ менамояд;

-тибқи тартиби муқарраргардида аккредитатсияи муассисаҳои тайёрии варзиширо мегузаронад;

-ҷиҳати таъин намудани директорони муассисаҳои тайёрии варзишӣ розигӣ медиҳад;

-тибқи тартиби муқарраргардида барои фаъолият ба клубҳо ва толорҳои варзишии хусусӣ (фитнес-клубҳо) иҷозат медиҳад;

-тибқи тартиби муқарраргардида федератсияҳои варзиширо аз аккредитатсияи давлатӣ мегузаронад ва ба онҳо шаҳодатнома медиҳад;

-тартиби такмили ихтсос ва бозомӯзии кадрҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзишро муқаррар менамояд;

-тибқи тартиби муқарраргардида аттестатсияи мураббиён, роҳбарон ва дигар кормандони муассисаҳои тайёрии варзиширо мегузаронад;

-шаҳодатномакунонӣ ва таснифоти ягонаи иншооти варзиширо пеш мебарад;

-тибқи тартиби муқарраргардида таснифоти ягонаи варзиширо дар Ҷумҳурии Тоїикистон таҳия ва тасдиқ намуда, варзишгарон ва дигар кормандони соҳаро бо дараҷа ва унвонҳои варзишӣ, фахрӣ ва дараҷаҳои тахассусӣ сарфароз мегардонад;

-ба назорати манъи истифодаи маводи барангезандаю неруафзо (допинг) дар варзиш мусоидат менамояд;

-феҳристи намудҳои варзишро пеш мебарад;

-тибқи тартиби муқарраргардида озмунҳо мегузаронад ва оид ба ҷойгиронии фармоишҳо барои таҳвили молҳо, иҷрои корҳо ва хизматрасонӣ барои эҳтиёҷоти Кумита, инчунин оид ба гузаронидани корҳои илмию тадқиқотӣ барои эҳтиёҷоти давлатӣ дар соҳаи муқарраргардидаи фаъолият шартномаҳои давлатӣ ба имзо мерасонад;

-мониторинг ва таҳлили амалӣ намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқиро дар соҳаи муқарраргардидаи фаъолият анҷом медиҳад ва дар мавриди зарурат ин функсияҳоро ба муассисаю ташкилотҳои системаи Кумита вогузор менамояд;

-ваколатҳои дигареро, ки конунгузории Ҷумҳурии Тоҷикнстон, фармону амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намуданд, анҷом медиҳад.

Кумита бо мақсади амалигардонии ваколатҳо дар соҳаи муқарраргардидаи фаъолият, ҳуқуқ дорад:

-аз мақомоти иҷроияи марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ маълумоти заруриро барои амалисозии босифати сиёсати давлатии ҷавонон, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, инчунин ҷиҳати қабули қарорҳо оид ба масъалаҳои мансуб ба ваколати Кумита, дархост намояд ва гирад;

-мақомоти ҳамоҳангсозӣ, машваратӣ ва экспертӣ (шӯроҳо, комиссияҳо, маҳфилҳо, гурӯҳҳо), коллективҳои эҷодӣ ва меҳнатиро барои амалӣ намудани барномаҳо ва лоиҳаҳои мушаххас дар соҳаи мансуб ба ваколати Кумита таъсис диҳад ва низомномаҳои онҳоро тасдиқ намояд;

-дар мувофиқа бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муассисаю ташкилотҳои системаи Кумитаро таъсис ва барҳам диҳад;

-барои нашри санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва интишори иттилоот дар соҳаи муқаррааргардидаи фаъолият, эълонҳои расмӣ, дигар мавод оид ба масъалаҳои мансуб ба ваколати Кумита ва муассисаю ташкилотҳои тобеъ нашрияҳо ва воситаҳои ахбори омма таъсис диҳад.

2. Кумитаи ҳамчун мақоми ваколатдори давлатӣ дар самти сиёсати давлатии ҷавонон ва соҳи варзиш дар заминаи татбиқи самараноки сиёсати мазкур дар давраи фаъолият ба дастовардҳои назаррас ноил гардидааст.

2.1. Кумита дар самти кор бо ҷавонон дар соли 2024, 42534 чорабинӣ бо фарогирии 4 263 590 нафар ҷавонон ва аҳли ҷомеа баргузор намудааст, ки ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2023 аз лиҳози теъдоди чорабиниҳо 430 адад ва ё 1,1% ва аз лиҳози фарогирӣ 301 126 нафар ва ё 4,4% зиёд мебошад.

2.1.01. Дар марҳилаи даъвати баҳорӣ ва даъвати тирамоҳӣ Нақшаи даъвати ҷавонон ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар пеш аз мӯҳлат иҷро гардида, 300 нафар аз зерсохторҳои Кумита, аз ҷумла, Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ва волонтёрон ба хизмати ҳарбӣ сафарбар гардидааст.

2.1.02. Аз миёни 84 нафар довталабон барои дарёфти Ҷоизаи давлатии ба номи И. Сомонӣ 12 нафар беҳтаринҳо интихоб ва аз ҷониби Пешвои миллат зимни супоридани мукофотҳои давлатӣ ба Ҷоиза ва мукофоти пулӣ сарфароз гардонида шудааст.

2.1.03. Аз ҷониби Кумита ва ташкилотҳои ҷамъиятии федератсияҳои варзишии кишвар 1126 нафар варзишгар, аз ҷумла 354 бонуи узви дастаҳои мунтахаби Ҷумҳурии Тоҷикистон аз намуди варзиши олимпӣ ва ғайриолимпӣ ба 82 мусобиқаҳои сатҳи байналмилалии варзишӣ сафарбар гардида, дар натиҷа ба хазинаи варзишии кишвар 448 медал, аз ҷумла 134 тилло, 108 нуқра ва 206 биринҷӣ ворид намуданд, ки натиҷаҳои бадастовардаи варзишгарон нисбат ба соли 2023, 87 медал (13 тилло, 22 нуқра ва 52 биринҷӣ) зиёд мебошад.

2.1.04. Инчунин, аз ҷониби дастгоҳи марказии Кумита, сохторҳои маҳаллӣ ва муассисаҳои тайёрии варзишии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ дар доираи марҳилаҳо 9250 чорабиниҳои варзиши касбӣ бо фарогирии 640750 нафар варзишгарон баргузор гардидааст.

2.1.06. Соли 2025 бошад, дар самти кор бо ҷавонон 42889 чорабинӣ бо фарогирии 4 347 840 нафар баргузор гардидаст, ки аз лиҳози чорабинӣ 335 чорабинӣ бо фарогирии 84 250 нафар ҷавонон ва аҳли ҷомеа зиёд мебошад.

2.1.07. Аз ҷониби Кумита ва ташкилотҳои ҷамъиятии федератсияҳои варзишии кишвар 1540 нафар варзишгар, аз ҷумла 450 бонуи узви дастаҳои

мунтахаби Ҷумҳурии Тоҷикистон аз намуди варзиши олимпӣ ва ғайриолимпӣ ба 112 мусобиқаҳои сатҳи байналмилалии варзишӣ сафарбар гардида, дар натиҷа ба хазинаи варзишии кишвар 510 медал, аз ҷумла 140 тилло, 166 нуқра ва 204 биринҷӣ ворид намуданд, ки натиҷаҳои бадастовардаи варзишгарон нисбат ба соли 2024, 62 медал зиёд (6 тилло 58 нуқра ва 2 биринҷӣ) мебошад.

2.1.08. Инчунин, аз ҷониби дастгоҳи марказии Кумита, сохторҳои маҳаллӣ ва муассисаҳои тайёрии варзишии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ дар доираи марҳилаҳо 9 300 чорабиниҳои варзиши касбӣ бо фарогирии 691 640 нафар варзишгарон баргузор карда шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2024 аз лиҳози теъдоди чорабинӣ 50 адад чорабинӣ ва аз лиҳози фарогирӣ 50 890 нафар зиёд мебошад.

3. Омӯзиши раванди иҷро ва татбиқи барномаҳои давлатӣ дар Кумита нишон дод, ки Барномаҳои давлатии соҳаи варзиш ва ҷавонон барои давраҳои муайян дар асоси қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷтктстон қабулгардида 5 ададро ташкил медиҳад.

3.1. Аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, намудҳои варзиш ва фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди варзиш аз 30 декабри соли 2021, №568 **“Барномаи рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026”** қабул гардида, яке аз механизмҳои асосии татбиқкунандаи соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ба ҳисоб меравад.

Барнома дурнаморо барои давраи панҷ сол муайян намуда, ки дар он самтҳои асосии фаъолият бо дар назар доштани афзалиятҳои рушди иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ муайян гашта, амалисозии сиёсати давлатии соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзишро дар бар гирифта, барои солимии аҳолӣ, омода намудани варзишгарон ҷиҳати иштирок дар чорабиниҳои байналмилалӣ ва омодагии захираҳои варзишӣ нигаронида шудааст.

Аз шумораи умумии 43 банди Нақшаи чорабиниҳои Барномаи мазкур барои 14 банди он маблағгузорӣ муқаррар нагардида, 24 банди он хусусияти мунтазамии иҷрои ҳарсола дошта, 5 банди дигар он вобаста ба алоқамандӣ бо дигар вазорату идораҳо дар ҷараёни иҷро қарор дорад. Аз ин рӯ, вобаста ба 5 банди дар ҷараёни иҷро қарордошта, аз шумораи умумии 43 банди Нақшаи чорабиниҳои Барномаи мазкур иҷрои он 88,4 фоизро фаро мегирад.

3.1.01. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2021, №516 **«Барномаи рушди футбол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022 – 2026»** тасдиқ гардида, аз 7 самт ва 45 банди Нақшаи чорабиниҳо иборат мебошад.

Мавриди зикр аст, ки аз 45 банди Нақшаи чорабиниҳои Барнома танҳо 5 банди Нақшаи чорабиниҳои он аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузорӣ гардида, боқимонда пурра аз ҳисоби Федератсияи футболи Тоҷикистон ба нақша гирифта шудааст.

Амалисозии Барнома барои мукаммалгардонии заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ, моддию техникӣ, омодасозии мутахассисон, вусъат додани рушди футбол бо истифодаи технологияҳои навоварона, инфрасохтори муосир, бунёду таҷдиди майдончаҳои варзишӣ, фароҳам намудани шароити мусоид барои зиёд намудани шуъбаҳои футбол дар муассисаҳои тайёрии варзишӣ ва

рушду оммавигардонии футбол дар деҳот тавассути ҷалби аҳолӣ ба футбол саҳми муносиб мегузорад.

Мақсад ва вазифаҳои Барнома фароҳам овардани шароите, ки имконияти рушди самарабахши футбол, аз ҷумла футбол дар деҳот, футболи касбӣ, футболи кӯдакону наврасон, футболи бонувон ва футзалро барои ба даст овардани натиҷаҳои баланд, муқаррар намудани принсипҳои тарзи ҳаёти солим ва ҳалли мушкилоти иҷтимоии ҷомеа тавассути тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш мебошад.

Мушкилии асосии дар сатҳи зарурӣ иҷро нашудани Барнома ин ба қадри зарурӣ маблағгузорӣ нагардидани он дар сатҳи маҳал мебошад. Чунончӣ, маблағгузорӣ нагардидани Барнома дар сатҳи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо дар давоми 3 соли татбиқи он. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки маблағгузории Барнома дар сатҳи маҳал танҳо дар сатҳи вилоятҳо ва шаҳри Душанбе дар ҳаҷми пурра ба назар мерасад.

Ҳолати мазкур асос гардид, ки банди 3 нақшаи амали Барномаи мазкур, яъне таҳия, татбиқ ва назорати нақшаи амалисозии барномаҳои рушди футбол дар ВМКБ, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ дар сатҳи зарурӣ иҷро нагардидааст. Зеро маблағгузории Барномаи мазкур дар сатҳи маҳалӣ аз мақомотҳои ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо вобастагӣ дорад.

3.1.02. Бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид ҷиҳати тарбияи маънавию ҷисмонии ҷавонон, инкишофи ҳисси ватандӯстӣ, маърифатнокӣ, худогоҳӣ, инсондӯстӣ, ифтихор ва арҷгузорӣ ба арзишҳои миллӣ, эмин нигоҳ доштани насли ҷавон аз таҳдидҳои замони муосир аз 29 декабри соли 2022, №629 **«Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ, эҳсоси масъулияти шаҳрвандӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027»** қабул гардида, яке аз механизмҳои асосии татбиққунандаи сиёсати давлатии ҷавонон дар самти ватандӯстии ҷавонон ба ҳисоб меравад.

Ҳадафи асосии Барнома баланд бардоштани ҳисси ватандӯстӣ, маърифати сиёсӣ ва ҳуқуқии ҷавонон, эмин нигоҳ доштани онҳо аз ҳар гуна хатарҳои ҷаҳонишавӣ, таҳким бахшидан ба рушди маънавию ахлоқӣ, ҳидоят сохтани ин неру ба бунёдкорию созандагии кишвар, садоқат ба Ватан, нангу номуси миллӣ ва фароҳам овардани шароит барои таҳкими ҳувияти миллии онҳо ва эҳтиром намудани арзишҳои миллию фарҳангӣ мебошад.

Барнома аз 7 самти афзалиятнок ва 37 банди Нақшаи маблағгузории чорабиниҳо иборат буда, амалишавии он дар сатҳи ҷумҳурӣ дар назар дошта шудааст.

Зимнан, бо мақсади иҷрои босифати қарори Ҳукумат ва Нақшаи чорабиниҳои Барнома, банақшагирии тақсимоти бандҳо миёни кормандони Кумита, сохторҳои маҳаллӣ ва ташкилотҳои системаи ҷавонон роҳандозӣ гардида, тибқи он лоиҳаҳои дархостӣ омода ва мавриди татбиқ қарор гирифтааст.

3.1.03. Ҷиҳати дастгирӣ ва рушди иҷтимоии ҷавонон бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2021, №567 **«Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022 – 2026»** қабул гардида, яке аз механизмҳои асосии татбиққунандаи сиёсати давлатии ҷавонон ба ҳисоб рафта, имконияти воқеиро оид ба фароҳам

овардани шароити иштирок ва мусоидат дар ҳалли масъалаҳои марбут ба ҳаёти ҷавонон муҳайё месозад.

Мақсади асосии Барнома ин фароҳам овардани шароити мусоид ва имкониятҳои мусоид ҷиҳати иштироки ҷавонон дар ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ҷомеа ва дар ин замина баланд бардоштани эҳсоси ватандӯстӣ ва худшиносии миллӣ, таъмини онҳо бо таҳсилоти муносиб, инчунин ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳо, таҳкими фарҳанги оиладорӣ, ташаккули тарзи ҳаёти солим ва рушди маҳорату малакаҳои эҷодкорӣ ва ҳунармандии ҷавонон мебошад.

Дар доираи самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатиии ҷавонон бо назардошти Нақшаи чорабиниҳои Барномаи мазкур аз ҷониби дастгоҳи марказии Кумита ва зерсохторҳои он дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ соли 2025 дар маҷмуъ 42889 чорабинӣ бо фарогирии 4 347 840 нафар баргузор карда шудааст. Бояд иброз намуд, ки қисме аз чорабиниҳои зикргардида бидуни маблағгузорӣ ва қисман дар доираи маблағгузории Барномаи мазкур ташкил ва баргузор гардидааст. Мавриди зикр аст, ки бандҳои нақшаи чорабиниҳои Барномаи мазкур хусусияти мунтазамӣ дошта иҷроиши ҳарсоларо талаб менамояд.

3.1.04. Бо мақсади рушди фаъолияти волонтёрӣ ва ҳарчи бештар ҷалб намудани шумораи зиёди аҳолӣ ба фаъолияти волонтёрӣ аз 1 июни соли 2023, №244 **“Барномаи миллии рушди фаъолияти волонтёрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027”** қабул гардида, амалисозии он барои дастгирӣ, инчунин бартараф ва ҳалли мушкилоту ниёзҳои оммавӣ ва ҷамъиятию давлатӣ ва рушди устувори иҷтимоию иқтисодии аҳолӣ имкони муносиб медиҳад.

Барнома дурнамо барои давраи панҷ соли оянда буда, самтҳои асосии фаъолияти волонтёриро бо мақсади ҳалли масъалаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа муайян менамояд.

Ҳадафи асосии Барнома ин васеъ намудани имкониятҳои худташаккулёбии шаҳрвандон, фароҳам овардани шароитҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва инфрасохторӣ барои иштироки ташкилотҳои волонтёрӣ ва волонтёрон дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ, инчунин эътирофи фаъолияти волонтёрӣ аз ҷониби ҷомеа ба ҳисоб меравад.

Дар асоси қарори мазкур Барнома аз 3 самт ва 13 банди Нақшаи чорабиниҳо барои солҳои 2024-2026 иборат буда, амалишавии он дар сатҳи ҷумҳурӣ дар назар дошта шудааст.

Мавриди зикр аст, ки вобаста ба самти мазкур, аз ҷониби дастгоҳи марказии Кумита ва сохторҳои маҳаллии он дар шаҳру ноҳияҳо 4190 чорабинӣ (аз ҷумла, корҳои волонтёрӣ аз ҷониби волонтёрон, чорабиниҳои фарҳангӣ бахшида ба иду ҷашнҳо, аксияи либос, маҳфилҳои доимоамалкунандаи назди Кумита ва ташкилоти ҷамъиятии “Пайравони Пешвои миллат”) бо иштироки 298 420 нафар ҷавонони касбу кори гуногун ва аҳли ҷамоатчигӣ баргузор карда шудааст.

4. Маблағҳои буҷети Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сохтори буҷети ҷумҳуриявӣ дохил карда шуда, дар асоси сметаи ягонаи даромад ва хароҷотӣ барои нигоҳдории Кумита аз ҳисоби маблағҳои даромади буҷети ҷумҳуриявӣ ба нақша гирифта мешавад.

4.1. Сметаи ягонаи даромад ва хароҷоти барои нигоҳдории Кумита ва барномаҳои соҳавӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ дар мувофиқа бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст.

4.1.01. Муайян гардид, ки дар давраи дарбаргирии чорабинии аудиторӣ маблағҳои буҷетӣ барои нигоҳдории дастгоҳи Кумита аз рӯйи ёздаҳ смета, аз ҷумла сметаи хароҷотии дастгоҳи марказии Кумита, сметаи хароҷотии “Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, сметаи хароҷотии грантҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, сметаи хароҷотии иншоотҳои сохташавандаи Кумита, сметаи хароҷотии тақвими ягонаи Чорабиниҳои варзишӣ, сметаи хароҷотии стипендияи Президентии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷоизаи ба номи Исмоили Сомонӣ, сметаи хароҷотии “Барномаи маҷмӯи рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, сметаи хароҷотии “Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияи миллии ҷавонони Тоҷикистон”, сметаи хароҷотии “Барномаи рушди футбол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, сметаи хароҷотии “Барномаи миллии рушди фаъолияти волонтиёрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва сметаи хароҷотии стипендияи якумраи ғолибони ҷоизадорони Бозиҳои олимпӣ ба нақша гирифтааст.

Бо назардошти камбудию норасоиҳои молиявии муайян кардашуда дар чорабинии аудитории гузаронидашуда, тибқи муқаррароти моддаҳои 7,27 ва 41-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон” ба масъулини Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияҳои зерин мувофиқи мақсад мебошад:

- натиҷаи чорабинии аудитории Кумита дар давраҳои аз 01 феврали соли 2024 то 01 январи соли 2026 мавриди баррасӣ қарор дода шуда, ҷиҳати бартараф намудани камбудию норасоиҳои тадбирҳо андешида шавад;

- минбаъд нақшаи маблағгузориҳои буҷетӣ дар сметаҳои хароҷотӣ аз рӯйи гурӯҳбандии даромад ва хароҷоти буҷети давлатӣ ва дастурамалҳои истифодабарии онҳо, ки бо фармони Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.01 соли 2015, №173 ва 09. 04 соли 2015, №204 тасдиқ гардидааст, ба роҳ монанд;

- талаботи сархати 1 ва зербанди 5 қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хусуси тадбирҳои иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои солҳои молиявӣ риоя карда шуда, фарқияти (сарфаи) маблағҳои дар натиҷаи гузаронидани тендер бавуҷудомада ба суратҳисоби махсуси хазинадорӣ интиқол дода шавад;

- масъулини Кумита вазифадор карда шавад, ки нисбати маблағҳои зерҳисоби додашуда чораҷӯӣ намуда ҳисоботи молиявиро саривақт талаб намоянд;

- масъулини Кумитаро зарур аст, ки хароҷоти сафарҳои хизматиро мувофиқ ба талаботҳои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2015, №38 “Дар бораи пардохти хароҷотҳои сафарҳои хизматии хизматчиёни давлатӣ ба кишварҳои хориҷӣ, инчунин дар дохили Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба роҳ монанд;

- муҳосибини Кумита вазифадор карда шавад, ки дар ордерҳои мемориалӣ ҳамаи маълумотҳои лозима, аз ҷумла амалиётҳои муҳосибӣ аз рӯи дебет ва кредити ҳисоботҳои муҳосибӣ, гурӯҳбандиҳои иқтисодӣ пурра қайд

намуда, баъдан дар китоби асосӣ ба қайд гирифта шуда тавозуни (Баланс) солонаи Кумитаро тартиб диҳанд;

- масъулини Кумита вазифадор карда шавад, ки талаботи моддаи 63 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, моддаҳои 17 ва 19 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ”-ро риоя намуда дар муҳлати муқарраргардида ҳисоботи солонаи иҷрои буҷети давлатӣ ва молиявии Кумитаро тартиб дода, онро бо мухр ва имзои шахсони масъул тасдиқ намоянд;

- муҳосибини Кумита вазифадор карда шавад, ки талаботи банди 48-и “Дастурамал оиди пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар ташкилотҳои буҷетӣ”, ки бо фармоиши Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2000, №157 тасдиқ карда шудааст, риоя намуда, дуруст ва таъмини назорат барои нигоҳдории воситаҳои асосӣ, ашё, амвол, ё ин ки таҷҳизот новобаста аз ҷойгиршавиашон бояд рақами инвентарӣ гузошта шавад;

- муҳосибини Кумита вазифадор карда шавад, ки китоби гардиши молу маводи шакли ф№М-44  кушода, воситаҳои асосӣ, ашё, амвол, ё ин ки таҷҳизот Кумитаро пурра ба даромад гиранд;

- муҳосибини Кумита вазифадор карда шавад, ки дар Кумита китоб барои пардохти музди меҳнат кормандон кушода, ҳисоб ва пардохти музди меҳнати кормандонро пурра ба қайд гиранд;

- дар ҷамъбасти соли молиявӣ талаботҳои дастурамал дар бораи меъёрҳои ягонаи ҳисоб намудани истеҳлоки (хӯрдашавии) воситаҳои асосӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва  нақшаи воситаҳои асосие, ки ба гурӯҳҳои истеҳлокӣ дохилиро, ки бо фармоиши Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12. 02 соли 2014, № 24 тасдиқ шудааст риоя карда шавад;

- минбаъд талаботҳои моддаи 54 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” пурра риоя карда шавад;

- оиди ба куллӣ беҳтар намудани ҳисоботҳои муҳосибӣ, ислоҳи камбудиҳо дар идоракунии молиявӣ ва пешбурди ҳисобдории муҳосибӣ ва таъмини хароҷоти мақсадноки маблағҳои пешбинишудаи буҷетӣ, тадбирҳои амалӣ андешад;

- аз тарафи масъулини Кумита оид ба рафти иҷрои корҳои сохтмонию таъмирӣ ва пешгирӣ намудани изофанависӣ дар ҳаҷм ва арзиши корҳои сохтмонӣ, назорати доимӣ бурда шавад;

- роҳбарияти Кумита сатҳи масъулияти шахсонеро, ки ба камбудиҳои молиявӣ роҳ додаанд муайян намуда, нисбати онҳо чораҳои зарурӣ андешанд.

- роҳбарияти Кумитаро зарур аст, ки сатҳи масъулияти шахсоне, ки ба камбудиҳои молиявӣ роҳ додаанд муайян намуда, нисбати онҳо чораҳои зарурӣ андешанди шуда ба Палатаи ҳисоб бо таври хатти пешниҳод карда шавад.

Сараудитори Палатаи
ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон                Мирзозода А.М.